**ХУЛОСАИ**
**ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-024 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PhD), ДОКТОР АЗ РӮЙИ ИХТИСОСИ 6D020300 – ТАЪРИХ (6D020302 - ТАЪРИХИ УМУМӢ)**

**Парвандаи аттестатсионии №_____________**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 15.01.2025, таҳти №1**

Дар бораи сазовор донистани Абдусаматов Бекбобо Бурихонович ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020302 - Таърихи умумӣ)

*Диссертатсия дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ»* барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020302 - Таърихи умумӣ) 09-уми октябри соли 2024, суратмаҷлиси №8, шурои диссертатсионии 6D.КОА-024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-уми январи соли 2022, таҳти №24/шд тасдиқ гардида ва аз 31-уми майи соли 2024, таҳти №167/шд ба ҳайати он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст) ба ҳимоя қабул кардааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Абдусаматов Бекбобо Бурихонович, соли таваллудаш 1994, соли 2016 зинаи бакалавриати факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва соли 2018 зинаи магистратураи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Бошқирдистон ба номи М. Акмулии Федератсияи Русияро ва соли 2022 зинаи доктор (PhD) - и ДДОТ ба номи С. Айниро хатм намудааст.

Диссертатсия дар кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии ДДОТ ба номи С. Айнӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ**: Искандаров Қосимшо – доктори илмҳои таърих, дотсент, Саркотиби илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ: Саидов Ҳомид Саидович** – доктори илмҳои сиёсатшиносӣ, профессори кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатияи Донишгоҳи Славянии Русияву Тоҷикистон.

Шарипов Амриддин Нуридинович – номзади илмҳои таърих, досент мудири кафедраи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби н.и.т., и.в. дотсенти кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав М.Ш. Ҷалилов, н.и.т., М.Ю Баротов ва Ҷ.Ф. Абдуллоев имзо (суратмаҷлиси №5, аз 04.12.2024) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор М.Р. Қурбонзода тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Абдусаматов Б.Б. бо назардошти навгонии илмӣ, мубрамият, аҳаммияти назариявӣ ва амалияш сазовори баҳои мусбат буда, ба бандҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Рисола дорои нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асоснок буда, муаллифи он Абдусаматов Бекбобо Бурихонович сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020302 - Таърихи умумӣ) мебошад.

Унвонҷӯ муаллифи 8 мақолаи илмӣ мебошад, ки аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Интишороти унвонҷӯ нуқтаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

[1-М]. Искандаров, Қ., Абдусаматов, Б.Б. Фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ дар Афғонистон дар охири асри XX ва оғози асри XXI [Матн] / Қ.

Искандаров, Б.Б. Абдусаматов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №9. – С.100-102.

[2-М]. Искандаров, Қ., Абдусаматов, Б.Б. Вазъи сиёсии Афғонистон дар солҳои 90-уми асри XX ва таъсири он ба давлатҳои минтақа [Матн] / Қ. Искандаров, Б.Б. Абдусаматов // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №2. – С.216-220.

[3-М]. Абдусаматов, Б.Б.Саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими сулҳ дар Афғонистон [Матн] / Б.Б. Абдусаматов // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – №2. – С.258-261.

[4-М]. Абдусаматов, Б.Б. Заминаҳо ва омилҳои пайдоиши низоъҳои сиёсӣ дар Афғонистон ва таъсири онҳо дар низомӣ давлатдорӣ [Матн] / Б.Б. Абдусаматов // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – №6. – С.283-287.

**2. Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

[5-М]. Абдусаматов, Б.Б. Роль Республики Таджикистан в поиске решения афганской проблемы (1992–2021 гг.) [Текст]/ Б.Б.Абдусаматов // Наука и современное образование: актуальные вопросы, достижения и инновации, Сборник статей III международной научно-практической конференции, состоявшейся 30 октября 2021г. в г. Пенза. – Пенза, 2021. – С.34-38.

[6-М]. Абдусаматов, Б.Б. Борьба Ахмад Шаха Масуда за единство в Афганистане[Текст] / Б.Б.Абдусаматов // Интеграция науки в условиях глобализации и цифровизации XIII международной научно-практической конференции 29 сентября 2021. в г. Ростов-на-Дону. – Ростов на Дону, 2021.– С.259-261.

[7-М]. Абдусаматов, Б.Б. Борьба Ахмада Масуда против внутренних и внешних врагов Афганистана за единство страны[Текст] / Б.Б.Абдусаматов // Инновационная парадигма развития современных гуманитарных и общественных наук. Сборник статей III Международной научно-практической

конференции, состоявшейся 11 ноября 2021 г.в г. Петрозаводск. – Петрозаводск, 2021. – С.117-122.

[8-М]. Абдусаматов Б.Б. Жизнь и политическая деятельность профессора Бурханиддина Раббани [Текст]/ Б.Б.Абдусаматов // Международный центр научного сотрудничества «Наука и просвещение» Сборник статей XXXIV Международной научно-практической конференции, состоявшейся 7 декабря 2021 г. в г. Пенза. – Пенза, 2021. – С.83-85.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. Доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ Абдуллоев М.Х. Тақриз мусбат, эрод надорад.

2. Номзади илмҳои таърих, дотсент, сардори раёсати илм ва инноватсияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷобиров Р.Ф. Тақриз мусбат, эрод надорад.

3. Номзади илмҳои таърих, сармутахассиси фанни таърихи Раёсати таҳияи маводи имтиҳони Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зарифов Н. Ҳ. Тақриз мусбат, эрод надорад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 6D020302 - Таърихи умумӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ**: Масъалаҳои низомию сиёсӣ ва мушкилоти давлатсозии Афғонистон дар солҳои 1992–2001 коркард карда шуд.

**Исбот карда мешавад,** ки бори аввал дар таърихнигории ватанӣ равандҳои низомӣ, сиёсӣ ва мушкилоти давлатсозии Афғонистон дар солҳои 1992–2001 бо назардошти таъсири омилҳои хориҷӣ – дахолати баъзе давлатҳо ва ихтилофи дохилии миёни ҳизбу ҳаракатҳои исломӣ, ки сади роҳи ташкили ҳукумати ҳамашумул дар Афғонистон гардиданд, таҳқиқ ва муайян карда шуданд.

**Пешниҳод карда мешавад, ки** решаҳои бухрони сиёсиро дар дохили Афғонистон бояд дарёфт, ки он дар анъанаҳои номатлубе чун қавмгароӣ, ихтилофоти мазҳабӣ ва тундгароӣ бештар мушоҳида мешавад. Ба хотири аз байн бурдани чунин падидаҳои номатлуб зарур аст, ки тафаккури ҷомеаро тавассути ислоҳоти бузург дар соҳаи маориф рушд бахшид. Инчунин, давлатҳои минтақа, махсусан кишварҳои ҳамҷавори Афғонистонро зарур аст, ки мавқеи худро дар доираи манфиатҳои умумии ҷомеаи ин кишвари ҷангзада ва муносибатҳои тарафайн дуруст ва мушаххас муайян намоянд. Таҷриба нишон дод, ки чи дар соли 1996 ва чи имрӯз мавқеи кишварҳои ҳамҷавори Афғонистон баъди ба ҳокимият расидани «Толибон» мушаххас нест. Зарур аст, ки паёмади ин хатар дар таҳқиқоти ҷудогона баррасӣ карда шавад. Аз рӯи маводи бадастомада курси махсус барои донишҷӯёни факултетҳои таърих муассисаҳои олии кишвар ба роҳ монда шавад. Бори аввал аст, ки масъалаҳои мазкур аз ҷониби муаллиф дар чаҳорчӯбаи диссертатсия ҷорӣ карда шудааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он асоснок карда шудааст, ки** пеш аз ҳама таҳлилҳо, хулосаҳо ва арзёбиҳои он дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ барои дарки амиқ ва воқеии равандҳои навсозии ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Афғонистони муосир, моҳияти падидаҳои мураккаби геополитикӣ, минтақавӣ, этникӣ, мазҳабӣ, сабабҳои нокомии сиёсати навсозӣ ва ғайра мусоидат менамояд, зеро бидуни дарки ҷаҳонбинии таърихӣ, моҳият, хусусиятҳо ва мазмуни равандҳои навсозӣ ва ислоҳот бидуни касби истиқлоли комил ғайриимкон мебошад. Таҳлилҳо ва арзёбиҳои дар диссертатсия овардашуда имкон фароҳам месозанд, ки нақши ниҳодҳои низоми давлатдорӣ, фаъолияти аҳзоби сиёсӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ ҳамчун ниҳоди ҷомеаи мутамаддини муосир, таносуби арзишҳои муосири дунявӣ ва анъанавӣ дар таърихи Афғонистон дуруст дарк карда шавад. Маводи диссертатсияро метавон дар раванди рушди тафаккури миллии насли навраси Афғонистон ва Тоҷикистон мавриди истифода қарор дод.

Инчунин, таҳлилҳо, хулосаҳо ва арзёбиҳои он дар ташкили раванди таълим дар макотиби олӣ ҳангоми омӯзиши фанни «Таърихи кишварҳои

форсизабон», «Таърихи умумӣ», «Кишваршиносӣ» ва ғайра ба таври васеъ истифода шудаанд.

Масъалаи «Вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозии Афғонистон дар солҳои 1992–2001» бори аввал дар асоси осори муҳақиқони ватанию хориҷӣ таҳқиқу баррасӣ гардида, ҷойгоҳи ин масъала дар таърихи умумӣ баён гардидааст.

«Вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозии Афғонистон дар солҳои 1992–2001» таҳқиқу баррасӣ гардида, паёмадҳои он барои минтақа ва ҷаҳон муайян карда шудааст.

Дар диссертатсия тамоми паҳлӯҳои равандҳои низомӣ, сиёсӣ ва мушкилоти давлатсозии Афғонистон дар солҳои 1992–2001 ва паёмадҳои он барои минтақа дар асоси маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ва дидгоҳи муҳаққиқони ватанию хориҷӣ омӯхта шудааст.

**Пешниҳод гардид,** ки бо мақсади мубориза бурдан алайҳи ифротгароӣ ва терроризм ва бедор кардани руҳияи ватандӯстии насли наврас омӯхтани давраи мазкур дар курсҳои кӯтоҳмуддат дар доираи барнома ва лоиҳаҳои махсус ба роҳ монда шавад

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳияи диссертатсия дақиқияти маълумот, кифоя будани сарчашмаҳои таърихӣ, маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуқтаҳои мавзуи таҳқиқшаванда истифода гардида, хулосаву тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

**Ғоя дар пояи** таҳқиқи руйдодҳо ва вижагиҳои муҳимми равандҳои сиёсӣ, низомӣ ва мушкилоти давлатсозии Афғонистон дар солҳои 1992–2001 асоснок шудааст.

Дар диссертатсия, пеш аз ҳама осору нутқҳо, бaромадҳо, паёмҳои Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, осори муҳаққиқони Афғонистон Фарҳанг М., Панҷшерӣ Ғ.Д., Мужда В., Муродӣ, С., Андешманд М.И., Паҳлавон Ч., Аҳадӣ

А., Рашид А., инчунин муҳақиқиони тоҷик Назаров, Ҳ., Имомов, Ш., Искандаров, К., Латифов, Ҷ., Махмадшоев, Р., Шарифов, Р.Я., Зокиров, Г.Н., Саидов, Х.С., Нуриддинов, Р.Ш., Расулиён Қ.Р., Мирзоев, Н. ва олимони хориҷӣ, ки дар онҳо паҳлуҳо ва самтҳои гуногуни равандҳои низомӣ, сиёсӣ ва мушкилоти давлатсозии Афғонистон инъикос ва таҳлил шудаанд, истифода шудаанд.

Заминаҳои таърихию сиёсӣ ва иҷтимоии равандҳои низомӣ, сиёсӣ ва мушкилоти давлатсозии Афғонистон муайян шудаанд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ** бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, инчунин тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия ифода меёбад.

Дар маҷлиси 15 январи соли.2025 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Абдусаматов Бекбобо Бурихоновичро ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020302 - Таърихи умумӣ) қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм аз рӯйи ихтисоси 6D020302 - Таърихи умумӣ 5 нафар. Аз 16 нафари ба ҳайати шуро шомил буда, овоз доданд: тарафдор - 13, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор – нест

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих** **Расулиён Қ.Р.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои таърих** **Умаров А.Қ.**

**15.01.2025**